**МАҲДИИ БАҲМАНӢ**

# ТАРҶУМОНИ ИШҚ

**Гузидаи ашъор**

**Душанбе**
**«Адиб»**
**2010**

## ТАРҶУМОНИ ИШҚ

Мутаассифона, банда бо кулли осори Маҳдии Баҳманӣ ошно нестам, аммо ҳамин қисмати ашъор, ки дастрасам шуд, ҳуҷҷату бурҳони бетардид аст, ки ӯро ба унвони шоир шиносам. Шоире, ки ҷонпораҳову дилрезаҳояшро пора – пораву реза – реза бо ваҳйи муҳаббат мавзун кардааст ва ҳолиё низ саломҳои бомдодиву башоратҳои шодӣ дорад ба ҷонҳои пазирандаву дилҳои иштиёқманд. Ба қавли худаш:

Кош, табъи аз тавонафтодаи Маҳдӣ дубора
Тарҷумоне месуруд аз шоҳбайти кибриёӣ.

Барҳақ, Маҳдии Баҳманӣ тарҷумон аст, тарҷумони сабзтарин чакомаҳои баҳор, тарҷумони маснавии абру борон, тарҷумони китоби мунаввари офтоб, тарҷумони заҳмату ҷиҳоди барзгарони шариф, тарҷумони оина, тарҷумони ишқ… Бо он ки ӯ ба табиат бисёр меандешад ва ҳар баргу гулу гиёҳро ба қаламрави шеъраш даъват мекунад, аслан шоири дардҳои иҷтимоъ аст, ки мехоҳад бо фитрати тилисмкушо гиреҳҳои печопечи зиндагии ҷомеаро боз намояд. Чунонки дар тасвири ранҷи кишоварзон мегӯяд:

Белу досу гову говоҳан рафиқи ӯст, аммо
З-ин ҳама суде надида, з-ин намат тарфе набаста.

Ё дар шеъри «Шохаи зайтун» инчунин руҷӯъ мекунад:

Саҳна моломоли ғавғои ҷидоле нобаробар,
Кӯдакон беёру ёвар, чеҳраҳошон устухонӣ.

Агар ин ҳуруфро нафаре мегуфт, ки дар инзиво нишаставу дарро ба рӯи офоқ бастааст ва иртиботаш бо дунё бо василаи як панҷара аст, ҳатман, ки кало-

маш чун меваи гармхонаҳо зебоӣ медошту таъм намедошт. Аммо ин номаҳои дардро оне иншо мекунад, ки сари азизро борҳо барои нисор ба Миллату Меҳан овардааст, бо белу досу говоҳане, ки зикр мекунад, борҳо кишту дарав кардааст, барои бунёди корхонаву иншооти мухталиф ва имороти шаҳристонҳо заҳмат кашидааст ва ҷону танашро ҳаргиз аз гудозишҳои паёпай дареғ надоштааст. Шояд бо ҳамин далел шеъри ӯ хушку бетапишу коғазӣ нест, балки зиндаву шодобу шӯрангез аст, ки овои ҳар зарабонаш шуниданист. Чӣ нерӯест, ки ӯро аз сари кори мошинсозиву нигаҳдории обу барқ ва дигар саноеъ ба ҷаҳони бадеъву афифу мастури шеър мекашад. Ба ҷаҳоне, ки ӯ «рагҳояшро ба решаҳои дарахтон-ин бародарони замингири инсон гиреҳ мезанад», ба ҷаҳоне, ки офтобу моҳаш ба саломҳои ошиқонаи ӯ посухи шӯълавар медиҳанд ва инсонҳояш дар ишқ маъман меҷӯянд. Барҳақ, он нерӯи пинҳону пайдо нерӯи ҷаҳонтасхири ишқ аст, ки ба ҳурматаш нӯҳ осмон гирдгардонанд. Мухотаби ишқи Баҳманӣ инсонест, ки сулуки ҷовидонааш ба самти камол аст ва марҳала ба марҳала навтару зеботару расотар мешавад, зеро ҷавҳараш сиришта аз хубиву нағзиву некӯиҳост.

Як фазилати дигари шеъри Баҳманӣ содагиву хушобиву бонамакии забони ӯст. Шеваи гуфтори ӯ барои чандин миллион форсизабонони олам, агар аҳли Эрон бошанд ё Тоҷикистон ё Афғонистон, ё Порису Лус-Анҷелус, мақбулу ошност ва дар ин замина камтарин мушкилаву масъалае падид намеояд.

Метавон зиёд имтиёзу муҳассаноти каломи Баҳманиро баршумурд ё ҷурми андакеро ёдрас кард, аммо нигоҳи мо бештар на ба резакории ҳунарӣ, балки ба рӯҳи шеъри ӯст. Ба рӯҳи барозидаи шеъраш, ки бо садоқати аладдавом ҳарами ишқро тавоф мекунад:

Ишқ, эй фархундаоташ, аз дами гарми ту дорад,

Маъбади хомўши ҷонам Каҳкашони рўшноӣ.

Орзумандам, ки сууди рўҳонии ин шоири мо ба сўи Каҳкашони рўшноӣ-яъне ба дилҳои мунири ишқпазир мустадом бошад.

***Фарзона,***
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# Нигоҳе мухтасар ба зиндагӣ ва аҳволу ашъори Маҳдии Баҳманӣ

Маҳдии Баҳманӣ 9 меҳрмоҳи соли 1318(30 сентябри соли 1939 милодӣ) дар Теҳрон таваллуд шудааст. Дар соли 1967 бо ҳамкории адибони ҷавони он рӯзгор –Фаридуни Мушириӣ, Аҳмади Хотамӣ ва Баҳроми Ковиёнӣ чопхонаи "Ҳофиз" –ро таъсис дод. Сипас, ба вилояти Ҳурмузгон рафт ва дар он ҷо низ чопхонаеро бунёд ниҳод, ки исми он "Гутенберг" буд. Муддате баъд ба шаҳристони Караҷ омад ва чопхонаи дигаре таъсис дод. Пас аз оғози ҳамлаи Ироқ ба Эрон ба ҷабҳа рафт ва дар сафи муборизони роҳи озодии Ватан сангар гирифт. Чанде баъд ӯро ба ситоди бозсозии минтақаҳои ҷангзада масъул намуданд, ки дар ободии бисёре аз шаҳру рустоҳо саҳм гирифт. Оқои Баҳманӣ дар роҳандозии корхонаҳои мухталиф, таъмири мошинҳои сабуку вазнин, корхонаҳои яхсозӣ ва нонпазӣ дар шаҳристонҳои Фов, Шуштар, Карха, Ободон, Солеҳобод, Ҳувайза, Ҷафир, Рафия, Шаламча, Аҳвоз ва ғайра нақши муҳим бозид. Ҳамчунин, дар таҳияи имконоту шароити нерӯҳои мутахассис барои нигаҳдории об, барқ, ҳавосозӣ хизматҳои фаровон анҷом дод. Пас аз поёни ҷанги ҳаштсола ба унвони мушовири раиси таҳқиқоту омӯзиши вазорати саноеъ дар умури интишорот ва матбуоти Эрон таъин гардид. Соли 1977 маҷаллаи "Оинаи зиндагӣ"-ро таъсис дод, ки мудир-масъулии онро ба духтараш –Ифтихор супурд. Ҳамакнун, ин маҷалла дар миёни хонандагони соҳибзавқи эронӣ маҳбубияти зиёд дорад.

Маҳдии Баҳманӣ дар баробари ин фаъолиятҳои муфид дар кори табъу нашр ва густариши адабу ҳунар корҳои боарзиш анҷом дода, дар саҳифаҳои ин маҷалла бисёре аз ашъору мақолаҳои адибони тоҷикро ба нашр расонидааст. Баҳманӣ шеър низ мегӯяд ва ба қавли худаш "агар шеър навиштаам, мухотабамро, ки

ба ҳар ҳол аз қабилаи бузурги инсонҳо будааст, дӯст медоштаам ва билохира агар чанд солест рагҳоямро ба решаҳои дарахтон – ин бародарони замингири инсон – гираҳ задаам, боз ҳам ишқ дарди аслиам будааст;ишқ ба хок ва борварӣ ва ба паррандаву барг, ки гоҳ бисёр зеботар ва беҳтар аз инсонҳо қодиранд ба саломҳои ошиқона посух диҳанд".

Бисёре аз муҳаққиқону мунаққидони Эрон дар бораи ашъори Баҳманӣ нақду баррасиҳо анҷом додаанд. Аз ҷумла, профессор Саидҳасани Амин дар бораи шеърҳои ӯ менависад:"шеъри Баҳманӣ асарест, ки бар хонанда , шунаванда таъсир мегузорад ва ҳам худи шоир ба ҳамин манзур онҳоро иншо ва халқ кардааст. "

Дарвоқеъ, шеъри ин шоир ба ҳамаи қонунҳои шеър ҷавобгӯст ва дар ниҳояти ҳунар эҷод шудааст. Ба назари профессор Амин, шеъри Баҳманӣ аз ду вижагии муҳим бархурдор аст:яке бофти классикӣ, вожагони фахим, баҳрабардории санҷида аз таъбирот ва истиъороти нав, дуюм, таъаҳҳуди иҷтимоӣ-ахлоқӣ, бе он ки бӯи тазоҳур ва ранги шиор бигирад, ҳама ҷо дар шеъри Маҳдии Баҳманӣ ошкор аст ва ин аз дил бархоста ва бар дил менишинад.

Зиндаёд Аббоси Содиқӣ(Пидром), муҳаққиқи эронӣ зимни баррасию арзёбии ғазалҳои ӯ менависад:"дар ҳавзаи ғазали муосир ғазалҳои ӯ сабки хос дорад;на нимоии сирф аст ва на қадимоии маҳз, ғазале "бедилвор" аст рангу луобе аз сабки ҳиндӣ ва шаклу шамоиле зоҳиран ироқӣ, мушаххасаҳои фаннии ин ғазалҳо, ки аз мутафарриоти баҳри ҳазаҷ аст, яъне мафъулу мафоъилу мафоъил фаъулун. Ба таъбире дар баҳри мусаммани ахраби маҳзуф мебошад".

Беш аз ин шеъри ӯро наместоем ва хонандаи хушзавқро ба хондани ашъори зебои ӯ фаро мехонем.

**Тӯфони ҷунун**

Ин сӯхта дигар ба Худо хоми шумо нест,
Озурда ҳам аз санҷиши айёми шумо нест.
Тӯфони ҷунун дар дили дарёияш, инак
Симои шигарфест, ки дар ҷоми шумо нест.
Сайёлии сарчашмаи хуршед ба ҷон дошт
Ин обилабарпой, ки ҳамгоми шумо нест.
Маҳсури тани хокиву оинаи хиштист,
Бо ҷомаи саргашта, агар роми шумо нест.
Дурдикаши майхонаву овораи ишқ аст
З-ин бодаи гулфом, ки дар коми шумо нест.

**** ***** *****

Ялдоиву яхбаста шавад гар, ки натобӣ
Зарринаи хуршед магар номи шумо нест?
Тафсири маҳу субҳиву тахдири баҳорӣ,
Гулзори хазондида, ки бар номи шумо нест.
Ҳар лаҳза шудӣ шефтаи турраву лаъле
Аз тубаву парҳез дар арқоми шумо нест.
Овои наи сӯхтаву Маҳдиву шеърaш
Ангор, ки таскиндеҳи оломи шумо нест.

**Аз шамъ пурс қисса**

То жарфнои синаи ман захми ғам нишаст,
Он лаҳзае, ки риштаи улфат зи ҳам гусаст.
Оинаи мушаъшаи уммеду ишқи ман
Аз санги ҷаври он бути паймоншикан шикаст.
Дар сар ҳавои баҳр туро буд, эй аҷаб
Мондӣ бад-ин уқубати гумроҳ пойбаст.
“Аз қилу қоли мадраса ҳоли дилам гирифт”**1**
Бар ман самоъи сӯфии чашми ту роҳ баст.
Аз шамъ пурс қисса, ки шабҳои интизор
Хандон даруни оташи ҷон метавон нишаст.
Маҳдӣ, тариқи меҳр маҷӯ аз паривашон
Эй ту ҷафогурехта, инони ҷафопараст.

**1**. *Аз қилу қоли мадраса ҳоли дилам гирифт,*
*Якчанд низ хидмати маъшуқу май кунам.*
Ҳофиз

**Афсуни каломи ту**

Лаҳзае аз ту дили девонаам ғофил нашуд,
Ҳарчи аз ташвиши хотир гуфтамаш, оқил нашуд.
Хира шуд бар килки девони ту чашми ҳастиям
Ҷуз ба афсуни каломи ту дилам моил нашуд.
Ҷуръанӯши бодаи шеъри ту шуд пири дилам
З-ин майю майхона пири ман даме ғофил нашуд.
Шуд вуҷуди ташнаам сероб шеъри ноби ту
Раҳраве чун ман ба коми хештан восил нашуд.
Нақши садҳо орзу бар об шуд, аммо даме
Тарҳи рухсори ту аз лавҳи дилам зоил нашуд.
Маҳдии саргаштаро чун мавҷ аз дарёи ту
Баҳрае ҳосил ба ғайри силии соҳил нашуд.

**Уфуқи сабзи нигоҳ**

Уфуқи сабзи нигоҳи ту чу рӯ бинамояд,
Занги ғам з-оинаи хотири ман бизудояд.
То бароям даме аз пилаи танҳоии хеш,
Нофа соидани боди саҳарам хушояд.
Сухан аз он шаби маҳтобу туву соҳилу рӯд
Дари уммед ба рӯи дили ман бигшояд.
Хасу хокистари ин кӯҳна уҷоқ афрӯзад
Боз ҷон гираду бар оташи дил афзояд.
Мижа бар ҳам назанам пеши ту оинасифат
То бубинам, ки нигоҳи ту чӣ мефармояд.
Маҳдӣ, ар з-оташи ишқи ту гудозад на аҷаб
Шамъро сӯзи дил аз шавқи шумо мебояд.

## Насими орзу

Андалебе дур аз боғу баҳоронам ҳанӯз
З-ин сабаб бо мурғи шаб аз дард нолонам ҳанӯз.
То ҳисори шаб фурӯ пошад зи гирдогирди ман
Чашмаи хуршед ҷӯшад аз шабистонам ҳанӯз.
Ҳамчу шамъе чашм дар роҳи ту, эй субҳи умед
Мечакад ҳар шаб ситора аз ду чашмонам ҳанӯз.
Бегумон ишқи худоӣ бо ҳавас олуда нест,
Ҳамчунон дар мактабат ин дарс мехонам ҳанӯз.
Эй тавофи Каъба воҷиб гашта аз обои ту
Ман дар ин водӣ ба дунболи ту ҳайронам ҳанӯз.
Бо баҳорон то дароӣ эй насими орзу
“Бар сари имони худ чун бед ларзонам ҳанӯз”. **1**
Маҳдиям, бо кӯлборе орзу, дасте тиҳӣ
Зоири байтулвисоли рӯи ҷононам ҳанӯз.
Дизлай –Курдистон, 1365

**1** . *Чу бед бар сари имони хеш меларзам.*
Ҳофиз

**Чашми саввум**

Вах̣ чӣ ширин аст эҳсоси шарифи бериёӣ,
Аз варои марзҳо, фарҳангҳо, ҷуғрофиёӣ.
Ҷазбаи пуршӯри чашме дод ваҷди сӯфиёнам
То чунин бар гирди худ чархам ба шавқи ошноӣ.
Ҳуҷҷату бурҳони имонест таҳлили каломаш,
Чашми саввум барнаметобад таъассуф, хешроӣ.
Бо бароат хонамаш нури мубину арзи ҳастӣ
Гӯи оташбори хуршеду фараҳбахши зиёӣ.
Нокасайнро во ниҳода бар арӯси хушки пистон
Аз хирадварзон пазиро нест расми бевафоӣ.
Бо хати хуш нақши ӯ раҳ бурд бояд то ҳақиқат
Дур аз олудаҷонӣ, пой то сар порсоӣ.

*** **** ****

Ишқ, эй фархундаоташ, аз дами гарми ту дорад,
Маъбади хомӯши ҷонам каҳкашони рӯшноӣ.
Ҷуз туву номи ту ҳар лафзе, ки ояд бар лаби ман
Чист илло ҳарзалоӣ, худситоӣ, жожхоӣ.
Кош табъи аз тавонафтодаи Маҳдӣ дубора
Тарҷумоне месуруд аз шоҳбайти кибриёӣ.

**Рубоӣ**

Бо шўълаи нопадид умрат тай шуд,
Маъсури таъаллуми кадуи май шуд.
Анбонаи пуки жожхоӣ , охир
Тадбири матини фикри Маҳдӣ кай шуд?

## Дастҳои ошиқӣ

### Ба ёди бузурги ҳамеша Аҳмади Шомлу

Гарчи ҷорӣ гашта сели ашк аз чашмам чу рӯд,
Санги ҳасрат гар занам бар сина баъд аз ин чӣ суд?
Ҳиҷрати бериҷъати дар пеш дорад "Бомдод",
То ба хоки худ бигӯяд он чиро ногуфта буд.
Дастҳои ошиқӣ ку то кунад аз хоки ӯ
Маъбаде, хишту гилаш, ҷонпораи шеъру суруд.
Ҳамсафар бо фавҷи мурғони муҳоҷир з-ин қафас
Нимаи шаб рӯ ба соҳилҳои дигар пар кушуд.
Як сари мӯ кам нагардад з-ин сиёвушӣ ба дил
Оташе марг ар, ки аз бому дараш ояд фуруд.
Тобнокандеша ин фарзонаи Эронзамин
Ҳамраҳи хуршед занги зулмат аз олам зудуд.

**** ****

Дар фазои дерсоли фикриат Маҳдӣ бихон
Бар равони поки фарҳангофаринон сад дуруд.

## Эй бинозам ҳиммати…

***Тасвири кишоварзони шариф –рӯзгор ва ситези беамонашон бо падидаи фақру гуруснагӣ***

Пои пур аз таъвали дард асту дасти пинабаста,
Бар ҷабини пир, гарди меҳнати даврон нишаста.
Белу досу гову говоҳан рафиқи ӯст, аммо
З-ин ҳама суде надида, з-ин намат тарфе набаста.
Ҷомае пурвасла дорад, ҷисму ҷоне захму таъвал
Эй бинозам ҳиммати ин жандапири дилшикаста.
Ҷавҳари кори мудомаш базру шухми обёрӣ
Гарчи аз ин раҳгузар тори дилу ҷонаш гусаста.
Хирмане гандум барои пораи нони ману ту
Гирд орад хӯша-хӯша , соқа-соқа, даста-даста.
Хӯшае чидӣ агар Маҳдӣ аз ин хирман ба шеърат
Пок кун гарди ғам аз рухсораи ин марди хаста.

**Ҷуз хеш надидӣ**

Андешаи парвози фазои дигарат нест,
К-аз борикаи ишқ ба ҷон болу парат нест.
Чун шохаи хушкидаи ин боғи хазонӣ
Уммеди баҳорону сари баргу барат нест.
Ҷуз хеш надидиву набинӣ, ки надонӣ
Чашми ту ба ҷуз оинаи худнигарат нест.
Ҳамнаъра машав ҳарзагии зоғу зағанро
Гар шӯри ҳамовойии мурғи саҳарат нест.
Бо Маҳдии шӯрида бизан ҷом, гар имшаб
Парвои шаби арбадаву шӯру шарат нест.

**Абри ақим**

Зи тундарҳои беборони ин абри парешида
Парешон аст ҳоли киштзорони балодида.
Чунон хиссат гирифта осмони сарзаминамро
Ки мебандад сила хоки аташзорони тафтида.
Тиҳӣ гардида ҷоми рӯдҳо аз ҷӯшиши ҳастӣ
Гумонам чашмаи хумхонаҳо дерест хушкида.
Таракҳои замини тафзада дар димзорон боз
Ҳикоят мекунад аз фақри деҳқони ситамдида.
Кадевар гуфт бо абри ақими холӣ аз борон
Сазоворе, ки бошӣ борвар бо ройи санҷида.

*** ****

Наборад ашк агар ин гунбади нилӣ зи чашмонаш
Мароратҳои бепоёни Маҳдиро нафаҳмида.

**Маснавии абр**

Абри беборон ғуборе беш нест,
Боғи бегул хорзоре беш нест.
Ташна афтодаст дашту кӯҳи мо
Мазраъи мо, ҷангали анбӯҳи мо.
Лола дилхун шуд ба хок аз ташнагӣ
Дона мадфун шуд ба хок аз ташнагӣ.
Оҳувон аз даштҳо бигрехтанд
Ҷои мушк аз нофаҳо хун рехтанд.
Ҷумла табхол асту товал хоки мо
Аз лиҳеби абри оташноки мо.
Чашма хушкидасту хушкидаст боғ
То сароб, эй ташна , ку чашму чароғ.
Гӯр гирифт аз ташнагӣ боғи дилам
Тоза шуд бори дигар доғи дилам.
Абр хис(с)ат мекунад ё осмон
То фитад аз кори дасту досамон.
Сӯхт аз бедоду хашми офтоб
Киштзорон пеши чашми офтоб.
Эй Худо, абре зи дарёе барор
Базри бороне бар ин саҳро бикор.
То биҷӯшад чашмае ҳар гӯшае
То шавад ҳар хӯша моро тӯшае.
Аз танӯри деҳ барояд бӯи нон
Нон фаровон аз барои мардумон.

*** ****

Бӯи нони тоза Маҳдиро гирифт
Дар фазои тоза шеъраш по гирифт.

Карач-Шаҳревари 1378.

**Селоби хурӯшанда**

Ҳайратзадаи макри ту, рӯбоҳи дурангам
Бо он ки қавипанҷатар аз шеру палангам.
Селоби хурӯшандаам, эй қуллаи мағрур
То чанд занӣ пои шитобанда ба сангам.
Ман дар талаби баҳру ту бо силсилаи санг
Хоҳӣ, ки диҳӣ ҷой дар ин дарраи тангам.
Эй қулзуми тӯфонзада, ҳаргиз наҳаросад
Аз ҳийманаи хашму хурӯши ту наҳангам.
Бо лашкаре аз мавҷ ба соҳил бигурезӣ
Чун дарнигарӣ арсаи тӯфонии ҷангам.
То з-ин хами найранг нагирад дили ман ранг
Ё румии Румам ману ё зангии Зангам.
Ман Маҳдии маҳди ғазалам, гар накашонад
Бетобии гаҳвораи зулфе ба дирангам.

**Намнами борон**

Фарози қуллаи субҳи баҳру ҷоми шаробе
Ду байти ноб зи Хайёму бонги чанге рубобе.
Зи кабки ғулғула печон даруни дарраву доман
Ки сангу сахра бигӯяд ба шӯру шавқ ҷавобе.
Хушо раҳо шудану тан ба дасти бод супурдан
Аз ин сароб гузаштан ба бӯи ҷуръаи обе.
Хушо гурехтан аз худ зи бекаронаи ҳастӣ
Ба қалби ҳодиса ҷастан чунон ки тири шаҳобе.
Баҳору намнами борону сукри сабзаву гулҳо
Бинӯш Маҳдии озурда соғари маи нобе.

**Аташе дигар**

Шуда осмони чашмаш ҳама шаб ситораборон
Зи фиреби фитнасозон, зи гуноҳи нобакорон.
Ҳама нахлҳои Кӯфа аташ асту дуду оташ
Чӣ кунад агар нагиряд ба фарози нахлзорон.
Дили ӯ диле, ки бар ҷон ҳама захми дашна дорад
Ҳама шаб чу лола сӯзад ба канори доғдорон.
Ба кадом кӯҳ гиряд?Зи кадом най нолад?
Ҳама шаб агар нагӯяд ғами дил ба чоҳсорон.
Шабу то саҳар нахуфтан, ба ситора роз гуфтан,
Ки даре Худо кушояд, ба дили умедворон.
Аташи дигар надорад дили Маҳдӣ аз ду олам,
Шавад аз ғубори роҳи шаҳи мулки шаҳсаворон.

**Замзама**

Қасам ба сукри каломат, ки бе ту дар таъаабам
На нағмае ба гулӯям, на хандае ба лабам.
Дилам ба зулмати шабҳои бе ту раҳ гум кард
Биё, биё, ки туӣ офтоби рӯзу шабам.
Чӣ бехабар, мани ғамдида, оҳ мебинӣ?
Чӣ мекашад дили девона аз лиҳеби табам.
Нигоҳи гарми ту ку то ба лаб ниҳад имшаб
Ба рағми ин ҳама ғам ҷоми бодаи тарабам.
Кунун, ки замзама ҷорӣ бувад ба номи сухан
Ман аз сукути ту, Маҳдӣ, аҷиб дар аҷабам.

**Ғизоли кӯҳӣ**

Зи ишқе сӯхтам бар бод шуд хокистарам, гардам
Ки ҳамчун гарди бод аз дард гирди хеш мегардам.
Ба дунболи ту, ай рангинтар аз боғу баҳору гул
Чу мурғе ошёни хештан гум мекунам ҳар дам.
Ту сарви сояпарвардӣ, баҳорони гулафшонӣ
Мани афсурдаҷон, аммо хазони пири дамсардам.
Даруни маъбади ишқи ту чун шамъе ба оромӣ
Ҳама ашкам, ҳама сӯзам, ҳама оҳам, ҳама дардам.
Агар бовар надорӣ қиссаи дил, боз мегӯяд
Забони ашки хунинам равон бар чеҳраи зардам
"Ҳазорон захми корӣ дорам андар дил"**1** зи дасти ту
Агар дармон намебахшӣ, чаро афзун кунӣ дардам?
Манам Маҳдӣ, ки аз офоқи рангини хаёли худ
Ғизоли кӯҳии ман ин ғазал баҳри ту овардам.

**1**. Аз Маликушшуарои Баҳор.

**Насимосо**

Дилозурдае, вомондапое,
Ҳикоятҳо кунад аз бевафоӣ.
Вуҷуде на, наи ларзандаҷоне
Парешонсаргузаште, бенавое.
Зи сӯзи сина менолиду мегуфт
Азизи меҳрубони ман куҷоӣ?
Насимосо гузаштӣ аз ман, эй дӯст
Магар ин буд расми ошноӣ?
Гули ман, бе ту аз гулҳои ин боғ
Насиб омад маро доғи ҷудоӣ.
Ба ҷуз дарди мани дармонда бошад
Табибонро ба ҳар дарде давое.

*** *** ***

Ало эй ғамгусори дардмандон
Ки ҳамзоди ғами дерини моӣ.
Бар ин мискин чу Маҳдӣ, нола сар кун
Агар дорӣ дили дардошное.

**Санги сабур**

Чашои сабзи ту боғи биҳи Худо диёри ҳура
Шоха-шоха ҳама шеъри хўша-хўшаи пурнура.
Миллиёрдо Каҳкашун бо ун маҳу ситора
Пеши хуршеди чашот то дунё дунёс суту кўра.
Сурхии ғунчаи лабҳоту надора гули ваҳшӣ
Вақте ки ҳарф мезанӣ мазаи ҳарфот шур-шура.
Мавҷи гесут рўи шуна, медунӣ ба чӣ мемуна?
Боруни талои шур-шур рў ба соҳили булура.
Дили ман танге барот, расми замунаас, вале ҳайфа
Ки миюни ману ту кўҳи баланде, роҳ дура.
Медунам ба ҷои дил оҳани сарде туи синаат
Дили ман якерў нашкан, ки восат санги сабура.

Теҳрон –Урдубиҳишти 1345

**Баҳори гумшуда**

Ин рӯзо вақте ки олбуми дилу во мекунам
Ҳама ҷо акси қашанги туру пайдо мекунам.
Ҳарфе, ки бароm дикта мекардӣ ёдате?
Ҳоло ман ҷумла ба ҷумла восат иншо мекунам.
Зӯҳри я рӯзи тобистун ту қасам хӯрдӣ бароm
Ки ту хобам ҳамеша туру тамошо мекунам.
Ту дорӣ бо ҳама ишқат ману ҳошо мекунӣ
Ман барой ту худаму расвои дунё мекунам.
Дидӣ вайрунии дил сарат намеша?Чӣ бигам?
Боз дорам ин ҳама зулми туру ҳошо мекунам.
Ага ёди ҳарфову хотираҳомун бизора
Баҳори гумшудаму дубора пайдо мекунам.

**Бандари Аббос-Баҳмани 1354**

**Дафтари зиндагӣ**

Аге ун лабҳои хандуни туру ҳеҷ ки надора
Шур-шури ашкои ман ҳам миси боруни баҳора.
Ин ба ун дари ҳисобам бо зиндагии пок медунам
Дига ҳеҷ вақт баро ман зиндагӣ зеру рӯ надора.

*** *** *** ****

Аз ҳамун вақт, ки барош туи дилам я хуна сохтам
Ҳама ҷо шаб мехоба, ин ҷо вале по намезора.
Дафтари зиндагиму касе наметуна бихуна
Бас, ки аз абри чашом рӯ сафаҳош борун мебора.
Бо вуҷуде, ки дилам зи бевафоиш пурхуна
Намехом қабул кунам дурӣ фаромӯшӣ меёра.

**Теҳрон –Хурдоди 1349**

**Наъраи мастона**

Малолангезу ғамгинӣ, шабу вайронаро монӣ
Парешонхотирӣ, овораи девонаро монӣ.
Зи хайли нағмапардозони рангинболи ин гулшан
Ба ҷамъи пурфуруғи анҷуман бегонаро монӣ.
Туву хоби фаромӯшиву хомӯшиву танҳоӣ
Ҷудо афтода аз май соғару паймонаро монӣ
Гурезон аз ту шӯру шодиву ишқу тараб, гӯӣ
Ба базми бодахорон наъраи мастонаро монӣ.
Бад-ин афсурдаҷонӣ ҳамчу Маҳдӣ бесаранҷомӣ
Тиҳӣ аз майгусорон хилвати майхонаро монӣ.

**Баҳория**

Зи рӯҳи сабзаву гул ай баҳори бедорӣ
Ба хоки мурда ниҳоли умед мекорӣ.
Т аз каронаи ин дашт зи меҳр гир маро
Паёми боғу гулу шӯри ишқ меорӣ.
Бихон ба гӯши дарахтони зарди поизӣ
Умеди сабзи шукуфтан, навиди ҳушёрӣ.
Бигӯ, ки мурғ ба тасбеҳу таҳният бархост
Бачост оинадориву чашми бедорӣ.
“Чаман ҳикояти урдибиҳишт мегӯяд”**1**
Мабод он ки зи каф ҷоми бода бигзорӣ.
Дарахти ҷони ту , Маҳдӣ, пур аз шукуфа шавад
Даме, ки дил ба насими баҳор биспорӣ.

---

**Аз Ҳофиз**

**Ҷоми лола**

Аз чашми ғам гирифтаи абри сиёҳпӯш
Ин кӯҳ сабз биниву он чашма пурхурӯш.
Пур шуд зи атри пунаву сукри ақоқиё
Айвони осмону дару дашти сабзпӯш.
Вақти самоъ гул ба лаби ҷӯй хуш бувад
Рақси дарахту базми майю бонги нӯш-нӯш.
Ман дилшикаста, хаста ба кунҷе дар ин миён
Ногоҳ расид ин хабар аз пири майфурӯш:
Ҳангоми растхези гулу сабзаву чаман
Маҳдӣ, зи ҷоми лола маи арғавон бинӯш.

**Сарипули Заҳоб –Исфанди 1364.**

**Бирка**

Нишастаӣ ба каноре зи қилу қоли замона,
Чунон ки аз дили савдоият намонда нишона.
Зи чашмасори фараҳбахши бекаронаи ҳастӣ
Шудӣ чу биркаи хомӯши даштҳои фасона.
Ба фасли ишқу ҷавонӣ, ало чаковаки хушхон
Бихон дубора ба шодӣ ба базми сабза тарона.
Ту худ баҳори тарабноки умри хештанӣ
Маҷӯ нишони муҳаббат зи роҳгузори замона.
Дигар қаландари шӯридае наларзонад
Сукуни сурбии зулмат ба наъраҳои шабона.
Азизи дил ба паёми баҳор хушдил бош
Биё чу Маҳдиву бишнав садои чангу чағона.

**Доми дили ҳазорон**

Хайли хаёли рӯяш ҳамроҳи боду борон
Ҷорӣ чу маҳ ба нармӣ то ваҳми бешазорон.
Аз ҷилвагохи маҳтоб, рақсон зи бӯи зулфаш
Гесӯи обшорон бо нағмаи ҳазорон.
Аз шарми чашми масташ дигар ба дилрабоӣ
Чашме намекушояд наргис ба ҷӯ канорон.
Он соғари лаболаб , сӯзон ба таъми оташ
Ангезад аз нигоҳе, дуд аз ниҳоди ёрон.
“Дар зулфи чун камандаш, эй дил, мапеч, к-он ҷо”**1**
Ҳар гоми тори мӯе доми дили ҳазорон.
Маҳдӣ, зи офтобаш оина метаровад
З-он хуб дур бодо, чашми гунаҳгорон.

**1. Аз Ҳофиз.**

**Бо хештанам, аммо…**

Бо хештанам, аммо аз хеш гурезонам
Озодаму дар бандам, ободаму вайронам.
Ишқ арчи бисӯзонад, аммо зи шарори ӯ
Мафҳуми шукуфтанро дерест, ки мехонам.
Ин хашми ҷунуносо тарсам, ки ба тӯфоне
Хомӯш кунад як шаб оташкадаи ҷонам.
З-он шӯъла ба пироҳан дорам шараре, к-охир
Чун шамъ барорад сар аз чоки гиребонам.
Паймонаи паймоне мондаст маро Маҳдӣ,
Бо санги риё машкан паймонаву паймонам.

## Ниҳоли меҳри ту

***Маро ба хеш бихон дӯстдори деринам***
***Дубора зинда намо хотироти ширинам.***
**Абдулмаҷиди Зангӯӣ.**

Шарори сркаши ишқат нигори деринам
Забона мекашад аз хирмани дилу динам.
Зи бешумори аташҳои рӯзгор , эй дӯст
Маро умед ҳамин бас, ки бо ту биншинам.
Чу гарди бод ба туғён кашид кор, вале
Баҳори рӯи ҳар дам кашад ба тамкинам.
“Маро ба хеш бихон” андалеби гулшани роз
Ки бонги шавқ барояд зи нои ғамгинам.
Ниҳоли меҳри ту сархуш ҷавона зад, гул кард
Биё, биё, ки бибинӣ баҳори рангинам.
Дили хароб зи мастӣ саҳар ба Маҳдӣ гуфт:
Ҳанӯз масти шароби нигоҳи дӯшинам.

**Сӯхтаҷон**

***Андӯҳе ба ёди инсоне бузург***

Бӯи ҳулули ишқ таровад зи рӯҳи хок
Чандон, ки нашъа медамад аз хок то симок.
Соҳибдилест сӯхтаҷонтар зи офтоб
Сармасти ҷоми ишқ, на аз хуни сурхи ток.
Дандон фишурда бар ҷигару нои нотиқаш,
Хуноби дил зи чеҳраи афсурда карда пок.
Пирест хоста дар Ватани хештан ғариб
Дил баста ҳамчу бум бар ин тирагун мағок.
Маҳдӣ, зи теғи нолаи ин мурғи дардманд,
Дорад даруни сина яке қалби чок-чок.

**Караҷ-Шаҳревари 1369.**

**Танҳоӣ**

Осмон хаставу дилмурдаву ҷангал мартуб
Офтоб аз нафас афтода
Равон сӯи ғуруб
Зарду сурханд дарахтон зи ҳулули поиз
Партави нур ба рагҳошон низ
Ҷории нуқраи рӯд аз сари кӯҳсор ба дашт
Нарм-нармак ҳама ҷо дар гулгашт
Ва дар ин лаҳза, ки мепӯяд
Бехобу сукун
Туву шӯру тарабу мастиву шайдоии хеш,
Маҳдиву зонӯи ғамбаставу танҳоии хеш.

**Лунак –Сиёҳкал –Меҳри 1382.**

**Шохаи зайтун**

Дар фазои рубъу ваҳшат бо малоле ҷовидонӣ
Мезанам бо дасти баста нақши нопайдо ҷаҳоне.

*** *** *** ***

Саҳна моломоли ғавғои ҷидоле нобаробар
Кӯдакон беёру ёвар чеҳраҳошон устухонӣ.
Чашм ҳар ҷо медавад хун бинаду хокистари ғам
Бар палоси зардрӯе нақши урёни хазоне.
Аз танӯри синаи ҷӯшони ёрони Фаластин
Шӯълае хезад, ки сӯзад решаи номеҳрубонӣ.
То Басиву Қосиму Дарвеш з-озодӣ сароянд
Оташ афшонад ба гетӣ сурхии оташзабонӣ.
Ҷоми заррини фалак, Маҳдӣ, зи Ромулло занад сар
Гул дамад бар шохаи зайтун умеди зиндагонӣ.

**Теҳрон –Урдубиҳишти 1347.**

***Муъин Басив, Самеъ ал-Қосим, Маҳмуди Дарвеш –шоир ва муборизони муосири фаластинӣ.***

**Манам он соз**

Кунҷи танҳоии дил солики майхонаи хешам,
В-андар ин баҳри тафаккур дур(р)и якдонаи хешам.
Манам он соз, ки бо ёди шаби базми азизон
Сархуш аз нағмаи хомӯши пурафсонаи хешам.
Шеванам бар шавад аз захмаи ёрони риёӣ,
Гарчи лабрези навои хуши ҷононаи хешам.
Ту агар моҳи булурини шаби хотираҳоӣ
Мани дарвеш уҷоқи дили вайронаи хешам.
Ту дар оинаи зебоии худ масти ғурурӣ
Ман, майю майкадаву соғару паймонаи хешам.
Маҳдӣ , ар дӯст шаробе надиҳад аз лаби нӯшам
Кунҷи танҳоии дил солики майхонаи хешам.

**Ошиқиҳо**

Ҷилваи лутфи итоболуди чашми дилситонам
Озарахши беамон шуд шўъла зад бар хонумонам.
Бо хаёлаш то саҳаргаҳ дар сукути шаб бароянд
Оташи ғам аз ниҳодам, дуди оҳ аз дудмонам.
Ҳамчу мурғи нимбисмил ин дили девона ҳар шаб
Дасту пое мезанад бар синаи дардошёнам.
Хезад аз шўру шарори рўзгори ошиқиҳо
Оҳи сарде аз уҷоқи синаи оташниҳонам.
Бозпас ҳаргиз наоям дар масофи кажмадорон
Бигсалад гар тору пудам, бишканад гар устухонам.
Ёди гулгуни шаҳидони Ватан умрест Маҳдӣ,
Медавонад Кархаву Корун ба чашми хунфишонам.

**Соғар ба каф**

***Барои бузургмарди поку шариф , Устоди арҷманд ҷаноби оқои Иззатуллоҳи Фӯлодванд***

Эй иззати сухан ба ту аз мо дусад салом,
Дар ҷоми ту ҳамора маи нӯши лаълфом.
Мурғи шитобноки хаёли ту мебарад,
Аз хокиён ба кишвари афлокиён паём.
Ту дӯстдори шеъриву шеъри равони мо
Ҷорист мисли хун ба тани зиндагӣ мудом.
Бишкан сукути сарду бихон ошиқонае
То чанд теғи тез тавон дошт дар ниём?
Маҳдӣ, ки лаб ба бода наёлуда, ин замон
Соғар ба каф ба ёди ту дорад аладдавом.

**Турфа**

***Барои бузургдошти бародари фарзонаам – Муҳаммадалии Баҳманӣ***

Он ҷо, ки вожаҳои насӯзиш шукуфтанист,
Боғи пур аз шукуфае "Девон"-и Баҳманист.
"Гоҳе дилам барои худам танг мешавад"**1**
Ин матлаъи бадеъ зи шоир шуниданист.
Боғест пуртарона ҳама "Боғи лол"**2**- и Ӯ
Биштоб, к-ин тараннуми хомӯш диданист.
Ғарқи шукуфтан аст ба ҳангоми баргрез
Боғи дигар магӯ, гули ин боғ чиданист.
Хуш мехиромад он-к дӯшизаи ғазал
Шаҳду шакар зи нӯши лаби ӯ макиданист.
Маҳдӣ, ки дар тариқи вафо шеър менавишт,
Мафтуни турфакории "шоир шуниданист"**3**.

***1, 2, 3 –номи китобҳои шоир Муҳаммадалии Баҳманӣ.***